**Суратҷаласаи №19**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 022

аз 14 январи соли 2021 ш.Душанбе

Иштирок доштанд: аз 21 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2021, №11 тасдиқгардида, 18 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 8 нафарашон доктордони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Мухтарам аъзои Шӯро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шӯро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Одинаева Гулбону Мадалиевна дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ҳақназар Ғоиб», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссия ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ У.Сафар, аъзои коимиссияи ташхис А.Кӯчарзода, А.Абдусатторов баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Одинаева Гулбону дар мавзӯи Мадалиевна дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ҳақназар Ғоиб», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики ДДО ба номи С.Айнӣ.
- **Шамсов Нурмад Сироҷович** – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики ДДЗ ба номи С.Улуғзода.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад;

5.Таърихи рӯзи ҳимоя 29.04.2021, соати 15:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.